# Эъломияи Ашқобод дар бораи аз байн бурдани бешаҳрвандӣ дар Осиёи марказӣ

*8 ноябри соли 2024 қабул карда шуд*

Мо, роҳбарони ҳайатҳои кишварҳои Осиёи марказӣ – Ҷумҳурии Қазоқистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Ашқободи Ҷумҳурии Туркманистон дар доираи конфронси сатҳи вазоратҳо оид ба масъалаҳои бешаҳрвандӣ дар таърихи 8 ноябри соли 2024 бо ҳам ҷамъ омадем. Бо истинод ба суханронии Комиссари олии СММ оид ба гурезагон Ф. Гранди дар моҳи октябри соли 2024, ки дар байни масъалаҳои дигар дастовардҳои ҷумҳуриҳои Туркманистон ва Қирғизистонро дар ҳаллу фасл намудани ҳолатҳои маълуми бешаҳрвандӣ қайд мекунад ва ба саҳми минтақа дар дастгирӣ намудани маъракаи #IBelong ишора мекунад, мо уҳдадории умумии худро ба вазифаи глобалии аз байн бурдани бешаҳрвандӣ тасдиқ мекунем.

## Эътирофи дастовардҳо

### 1. Пешсафии минтақавӣ вобаста ба решакан кардани бешаҳрвандӣ

Аз соли 2014 ин ҷониб Осиёи марказӣ дар чорчӯби маъракаи #Ibelong, тавассути ба таври дастаҷамъона ҳаллу фасл намудани 200 000 ҳолати бешаҳрвандӣ дар минтақа ба натиҷаҳои назаррас ноил гашт. Натиҷаҳои кишварҳои минтақа, ки ба сари ҳар кадоми он аз се як ҳолати бешаҳрвандии дар миқёси ҷаҳон ҳалшуда рост меояд, барои минтақаҳои дигар ҳамчун намунаи ибрат хизмат мекунад:

a) **Ҷумҳурии Қазоқистон** ба воситаи роҳандозӣ намудани як равиши махсуси муайян намудани бешаҳрвандӣ, яке аз

принсипҳои бунёдии Конвенсияи соли 1954 оид ба вазъияти шахсони бешаҳрвандиро амалӣ намуда, ду маъракаи миллиро анҷом дод, ки дар натиҷаи онҳо 30 000 нафар ҳамчун шахсони бешаҳрвандӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин шумора 15 000 нафари онҳо шаҳрвандии Ҷумҳурии Қазоқистонро ба даст оварданд. Дар соли 2019, дар ҷараёни форуми ҷаҳонӣ оид ба гурезагон Қазоқистон уҳдадории ихтиёран содир намудани шаҳодатнома дар бораи таваллуд ба кӯдаконеро, ки модаронашон ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият надоранд, ба дӯши худ гирифта онро иҷро намуд.

b) **Ҷумҳурии Қирғизистон** дар ҷаҳон аввалин кишваре шуд, ки тамоми ҳолатҳои бешаҳрвандии маълумро ҳаллу фасл намуда, бақайдгирии таваллуд ва мутобиқсозии қонунгузории худ бо стандартҳои байналмилалиро таъмин кард.

c) **Ҷумҳурии Тоҷикистон**ислоҳоти асосии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонуни муваққатии авфро, ки ба шахсони бешаҳрвандӣ имконияти қонунӣ сохтани мақоми худ ва канорагирӣ кардан аз бешаҳрвандии дарозмуддатро фароҳам меорад, ҷорӣ намуд.

d) **Туркманистон** ҳамчун аввалин кишвари минтақаи Осиёи марказӣ, ки бечуну чаро ба ду Конвенсияи СММ дар бораи бешаҳрвандӣ пайваст, равишҳои нави муайян намудани мақоми шахсони бешаҳрвандиро таъйин намуда, бақайдгирии таваллуд, аз ҷумла дар байни шахсони беҳуҷҷатро 100% таъмин намуд, тамоми ҳолатҳои мавҷудаи бешаҳрвандиро аз байн бурд, ба зиёда аз 32 000 шахси бешаҳрванд мақоми шаҳрвандӣ дод ва ба воситаи пайвастан ба Эътилофи ҷаҳонӣ дар талошҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ оид ба решакан кардани бешаҳрвандӣ ба кишвари пешсаф табдил ёфт.

e) **Ҷумҳурии Ӯзбекистон** ислоҳоти густурдаеро анҷом дод, аз ҷумла ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ дар соли 2020, ки ба зиёда аз 80 000 нафар ҳуқуқи

эҳтимолии ба даст овардани шаҳрвандиро дода, бо ин сатҳи бешаҳрвандиро ба таври назаррас поён бурд.

Ин дастовардҳо дар маҷмӯъ Осиёи марказиро дар ҷунбиши ҷаҳонӣ оид ба решакан кардани бешаҳрвандӣ ба шарофати чорчӯбҳо ва амалҳои ҳуқуқии дигаргунсоз, ки пешгирӣ намудан, коҳиш додан ва ҳаллу фасли куллии мушкилоти бешаҳрвандиро таъмин мекунанд, ҳамчун минтақаи пешсаф муаррифӣ мекунанд.

**2. Уҳдадорӣ дар назди Эътилофи ҷаҳонӣ оид ба решакан кардани бешаҳрвандӣ**

Баъд аз анҷоми маъракаи #IBelong мо масъалаи пайвастан ба Эътилофи ҷаҳонӣ оид ба решакан кардани бешаҳрвандиро баррасӣ хоҳем кард. Осиёи марказӣ омода аст бо минтақаҳои дигар таҷрибаи худро мубодила намуда, аз захираҳо ва имкониятҳои дастраси ин платформаи ҷаҳонӣ пайваста истифода намояд.

**Диди стратегӣ барои Осиёи марказӣ**

Барои ҳимоят ва тақвияти пешрафтҳои бадастомада мувофиқи мақсад аст, ки саъю кӯшишҳо ба самтҳои зерин равона карда шаванд:

**1. Такмил додани расмиёти муайян кардани бешаҳрвандӣ**

Мо минбаъд низ қасд дорем расмиёти муайян кардани бешаҳрвандӣ дар минтақаро беҳтар ва яксон кунем. Ҳадафи ин беҳбудиҳо аз таъмин намудани мувофиқат бо стандартҳои байналмилалӣ ва соддагардонии дастрасӣ ба шаҳрвандӣ барои ҳама, бо таваҷҷуҳи хос ба қишрҳои осебпазири аҳолӣ, иборат аст.

**2. Тезондани раванди тасдиқи шаҳрвандӣ дар хориҷа**

Мо тавсия меҳидем, ки кишварҳои Осиёи марказӣ барои тезондани равандҳои тасдиқи шаҳрвандӣ дар байни кишварҳо ҳамкорӣ кунанд. Душвориҳои ҷории тасдиқи мақоми шаҳрвандӣ барои баъзе категорияи шахсонро эътироф намуда,

баррасӣ намудани таҳияи протоколҳо барои тасдиқи босуръат ҷиҳати коҳиш додани таъхирҳои маъмурӣ, ки садди роҳи ҳалли масъалаҳо мегарданд, муҳим ба шумор меравад.

**3. Коҳиш додани ҳолатҳои боқимондаи бешаҳрвандӣ**

Мо ҳамеша барои ҳаллу фасл кардан ва коҳиш додани ҳолатҳои боқимондаи бешаҳрвандӣ дар ҳар як кишвари Осиёи марказӣ кӯшиш ба харҷ медиҳем. Мо тавсия медиҳем, ки нақшаҳои амали миллӣ ва минтақавӣ вобаста ба ин авлавиятҳо таҷдид карда шаванд ва барои коҳиш додани бешаҳрвандӣ ҳадафҳои возеҳу равшан ва ноилшаванда гузошта шаванд.

**4. Ривоҷ додани ҳамкориҳои минтақавӣ ва мубодилаи таҷрибаи пешқадам**

Бо дарназардошти дастовардҳои мо, тавсия медиҳем, ки вохӯриҳои мунтазами минтақавӣ гузаронида шаванд, ҳамкориҳо тақвият дода шаванд ва таҷрибаҳои пешқадами мо мубодила карда шаванд. Чунин чорабиниҳои мунтазам ба рушди иқтидорҳои дастаҷамъӣ, ҷорӣ намудани рӯйкардҳои навоварона ва тақвияти нақшаҳои миллӣ оид ба ҳалли масъалаҳои бешаҳрвандӣ мусоидат менамоянд.

**5. Тақвияти ҷамъоварии маълумот ва шаффофият**

Мо ба зарурати беҳбуди ҷамъоварӣ, таҳлил ва паҳн намудани маълумот дар бораи бешаҳрвандӣ таъкид мекунем. Маълумоти дастрас ва ҳамаҷониба имконият медиҳад, ки таҳиягарони сиёсат роҳҳои ҳалли самарабахштарро таҳия намоянд ва шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар робита ба масъалаҳои бешаҳрвандӣ дар Осиёи марказӣ пурзӯр карда шавад.

**6. Мутобиқ сохтани қонунгузории миллӣ бо стандартҳои байналмилалӣ ва конвенсияҳо**

Мо ба аҳамияти талошҳо барои пайвастан ба Конвенсияҳои СММ дар бораи бешаҳрвандӣ ва такмили қонунгузориҳои миллӣ дар рӯҳияи Конвенсияҳои солҳои 1954 ва 1961 дар бораи бешаҳрвандӣ таъкид мекунем. Ба ҳамин тартиб, мо кӯшиш мекунем ҳолатҳои бешаҳрвандиро дар оянда пешгирӣ

кунем ва пойбандии худ ба ҳуқуқҳои умумии инсонро тақвият диҳем.

7. **Дастгирии бақайдгирии таваллуд ва мақоми ҳуқуқӣ барои ҳамаи кӯдакон**

Мо аз сиёсатҳое ҳимоят мекунем, ки бақайдгирии саривақтии ҳар як кӯдаки дар Осиёи марказӣ ба дунё омадаро таъмин мекунад. Ба хотири ноил шудан ба сабти умумии таваллуд, муҳим аст талошҳо барои аз байн бурдани монеаҳои қонунӣ, маъмурӣ ва иҷтимоӣ, ки садди роҳи бақайдгирии таваллуд мешаванд, анҷом дода шаванд.

8. **Шомилсозии шахсони бешаҳрванд ба системаҳои миллӣ**

Мо ба қабули сиёсатҳое, ки дастрасии шахсони бешаҳрвандро ба ҳуқуқ ва хизматрасониҳои асосӣ, аз ҷумла дастрасӣ ба тандурустӣ, таҳсилот ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъмин мекунанд, даъват ба амал меорем. Зарур аст, ки тавассути таъмин намудани дастрасии фарогир ва баробар ба тандурустӣ, таҳсилот ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ шахсони бешаҳрванд ба системаҳои миллӣ шомил карда шаванд.

**Уҳдадорӣ дар назди ҳадафҳои рушди устувор ва решакан кардани бешаҳрвандӣ**

Решакан кардани бешаҳрвандӣ барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор, бахусус ҲРУ 16 марбут ба ҷомеаҳои мусолиҳатомез, одил ва шомилкунанда ва ҲРУ 10 марбут ба коҳиш додани нобаробарӣ аҳамияти бузург дорад. Мо тавассути тақвияти саъю кӯшишҳои худ барои ҳаллу фасли мушкилоти бешаҳрвандӣ дар чорчӯби Дастури кори то давраи соли 2030 ҷасорати худро барои «касеро дар канор нагузоштан» бори дигар тасдиқ мекунем.

## Нигоҳ ба оянда

Ҳайатҳои кишварҳо ухдадор шуданд, ки иқдомҳои ҷудогона ва муштараки худро вобаста ба решакан кардани бешаҳрвандӣ дар Осиёи марказӣ идома дода, имконияти пайвастан ба Эътилофи ҷаҳонӣ оид ба решакан кардани бешаҳрвандиро баррасӣ намоянд ва баояндае мусоидат намоянд, ки дар он ҳар як шахс дар минтақаи мо аз бехатариву амният ва шаъну шарафе, ки шаҳрвандӣ фароҳам меорад, бархӯрдор гардад.